**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**
**Мӯминзода Ш.А. ____________**
**«__14__» ___октябри___ соли 2025**

# ПРОТОКОЛИ № 2

ҷаласаи васеи кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**аз «11» октябри соли 2025** **ш. Хуҷанд**

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Очилова Ф.А.**
**Котиб: н.и.ҳ., дотсент Болтуева М.Ё.**

**Иштирок карданд:** ҳамагӣ 29 нафар, ки аз он 4 нафар докторони илм, 18 номздҳои илм ва 4 нафар муаллими калон, 2 нафар ассистентони кафедра ва коргузори кафедра: мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Очилова Ф.А., ректори ДДҲБСТ н.и.ҳ., дотсент Мӯминзода Ш.А., ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, н.и.ҳ., дотсент Раҷабзода М.Н., муовини ректори ДДҲБСТ оид ба илм д.и.т., профессор Ҳомидзода Ф.М. сардори раёсати корҳои илмӣ-таҳқиқоти ва рушди инноватсияи ДДҲБСТ н.и.и., дотсент Асророва Х.А., декани факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент Кенҷазода Ш.Ю., н.и.ҳ., дотсент Қодиров Н.А. (ба таври маҷозӣ), муовини декан оид ба илм ва инноватсия, н.и.ҳ., дотсент Зиёбоева М.Н., д.и.ҳ., дотсент Самадзода Б.О., н.и.ҳ., дотсент Санавварзода Ғ.Б., намоянда аз кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ н.и.ҳ., дотсент Қодирқулов Х.Р., д.и.ҳ., профессор Муҳаммадиев И.С. н.и.ҳ., дотсентон: Орипов Т.О., Қодирзода М.А., Қаҳоров Н.М.,

Солиев И.М., Қобилов Б.Қ., Болтуева М.Ё., Бойматова Д.П., Атаев А.С., Рофиева А.Ҳ., муаллимони калон: Каримова М.М., Хонкилдиев М.М., Акмалзода А.Ҳ., Юсупова З. Мирпоччоев И.Ҳ. ассистентон Донёров П.Х., Хӯҷаев Д.З., ва коргузори кафедра Турсунова С.С.

**Рӯзномаи ҷаласаи кафедра:**

Муҳокимаи диссертатсияи номзадии унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ: ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

**Роҳбарии илмӣ:** Раҷабзода Маҳмадёр Носир – н.и.ҳ., дотсент, ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

**Шунида шуд:** мудири кафедра дотсент Очилова Ф.А. ҷаласаро оғоз намуда, ба ҳозирин баррасии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Шукурзода Ф.М.-ро ба иштирокдорони ҷаласа шинос намуд. Ҳамзамон, барои ифрози муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ риштаи суханро ба унвонҷӯ вогузор намуд.

**Шунида шуд:** унвонҷӯй Шукурзода Фарҳодҷон Манон оид ба масъалаи мазкур баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият, рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионии худ маълумот дода, ифроз намуд, ки дар шароити муосир, бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дурнамои рушди ҳаёти ҷомеаи кишвар муайян шуда, арзиши олӣ эътироф шудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун меҳвари сиёсати ҳуқуқии кишвар дар соҳаи баамалбарории адолати судӣ муқаррар гардид.

Аҳаммияти таҳким бахшидани низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андешидани тадбирҳои амалӣ ҷиҳати дастрас намудани ҳимояи судӣ дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ

таъкид гардидааст. «Масъалаи дигари муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун буда, он меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад».

Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд.

Мақоми хосаро ишғол намудани судҳои ҳакамӣ бо он асоснок карда мешавад, ки ҳимояи суди ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ, нисбат ба дигар шаклҳои ҳимояи судӣ ба низоми воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии дахлдор (шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ, сохтори шахси ҳуқуқӣ ва дигарон) такя менамояд.

Рушди фаъолияти соҳибкорӣ, равандҳои ташаккули қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳкими қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ шаҳодати онро дорад, ки низоми қонунгузории кишвар дар асосҳои принсипҳои демократӣ пеш рафта истодааст. Чунин ҳолат бо рушди таҷрибаи татбиқи соҳаҳои ишорашудаи қонунгузорӣ тасдиқ карда мешавад. Инчунин, шумораи судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ва афзудани муроҷиати субъектони муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба ин гуна судҳо, барои ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншуда ва ё зери баҳс қароргирифта, тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулосаҳо, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замимаҳо иборат мебошад.

Мақсади таҳқиқоти илмӣ ин мубрамӣ ва нишон додани дараҷаи коркард гардидани мавзуи рисолаи илмӣ, таҳлили маҷмуавии низоми воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ки бо ёрии онҳо таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ амалӣ мегардад. Мақсади мазкур ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро тақозо дорад:

- таҳлили илмии мафҳум, аҳаммият ва таснифоти воситаҳои ҳуқуқи маданӣ;

- омӯзиши асосҳои назариявии воситаҳои ҳуқуқи мадании таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ҳамчун намуди воситаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ, ки барои ҳалли мунокишаҳои ҳуқуқӣ истифода мешаванд;

- таҳқиқи сохтори ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ ва суди ҳакамӣ ва муаммои таносуби ҳамдигарии онҳо;

- асосноккунии муносибати муаллиф ба воситаҳои ҳуқуқи мадании ташкили суди ҳакамии як бор амалкунанда ва доимоамалкунанда;

- тасвияти пешниҳодот оид ба реҷаи ҳуқуқи мадании созишномаи ҳакамӣ;

- таҳлили рушди қонунгузорӣ дар соҳаи танзими фаъолияти судҳои ҳакамӣ, коркарди пешниҳодот оид ба такмили қонунгузории ҷорӣ ва амалияи татбиқи он.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро осори мутахассисони соҳаи илми сивилистӣ оид ба воситаҳои ҳуқуқи мадании ташкили суди ҳакамии як бор амалкунанда ва доимоамалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар, ҳамчунин оид ба реҷаи ҳуқуқи мадании созишномаи ҳакамӣ ҳамчун асоси фаъолияти судҳои ҳакамӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ пешниҳод намудаанд, ташкил медиҳад.

Аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки нуктаҳои назариявӣ ва хулосаҳои он метавонанд истифода шаванд:

- барои такмил додани қонунгузории ҶТ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ – ҳуқуқӣ доир ба интихоби шаклҳои ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқи маданӣ;

- ҳангоми коркарди асноди зерқонунии меъёрии ҳуқуқии соҳаи ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ;

- дар раванди таълим, зимни таҳияи матни лексия дар макотиби олӣ ва дар низоми такмили ихтисос.

Баъди баромади унвонҷӯй, ба ӯ аз тарафи дотсент Ш.А. Мӯминзода, д.и.ҳ., дотсент Б.О. Самадзода ва дотсент И.М. Солиев саволҳо дода шуданд, ки Шукурзода Ф.М. ба онҳо ҷавобҳои мукаммал дод.

Роҳбари илмии унвонҷӯй н.и.ҳ., дотсент Раҷабзода М.Н. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Шукурзода Ф.М. суханронӣ намуд ва иброз дошт, ки унвонҷӯй қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионии ӯ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ; мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Очилова Ф.А. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла ректори ДДҲБСТ н.и.ҳ., дотсент Мӯминзода Ш.А., д.и.ҳ., дотсент Самадзода Б.О., н.и.ҳ., дотсент Кенҷазода Ш.Ю., н.и.ҳ., дотсент Санавварзода Ғ.Б., н.и.ҳ., дотсент Қодирқулов Х.Р. баромад намуда, ба унвонҷӯй тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотиро қайд карда, саҳми унвонҷӯйро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Зикр карда шуд, ки Шукурзода Ф.М. муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 13 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои

илмӣ – амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Шукурзода Фарҳодҷон Манон ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи ҳолатҳои болозикр, кафедра қарор кард:

1). Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

2. Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 29 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 29 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ**
**ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии**
**ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент** **Очилова Ф.А.**

**Котиби ҷаласа,**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ**
**ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии**
**ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент** **Болтуева М.Ё.**

**Имзои Очилова Ф.А. ва Болтуева М.Ё-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ,**
**н.и.ҳ., дотсент** **Бобоев А.Х.**
**“13” 10 с. 2025**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, Тел:+992 (3422) 2-38-11; Факс:+992 (3422) 2-51-70. Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru